Имрӯз иттиҳодияҳои ҳамгироӣ имкониятҳои стратегиро васеъ мекунанд, зеро гузариш аз амалиёти содиротӣ ба сармоягузории мустақими хориҷӣ ва ташкили истеҳсолоти воридотивазкунанда ба назар мерасад, ҳаҷми истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ аз ҳисоби фаъолияти фирмаҳои минтақавии дорои сармояи хориҷӣ дар Тоҷикистон меафзояд.[7]

Дар ин замина Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва пайгирӣ аз замон ва пешравӣ аз гузариши модели истеъмолӣ ба модели сармоягузорӣ-инноватсионӣ эълон кардааст.

Вазъи иқтисодии ҷаҳон дар солҳои ахир нишон медиҳад, ки ҷалби сармояи хориҷӣ бинобар таҳдиду чолишҳои муосир коҳиш меёбад. Аммо сарфи назар аз коҳиши сатҳи сармоягузорӣ дар ҷаҳон, он як нишондиҳандаи муҳими рушди иқтисоди ҷаҳонӣ боқӣ мемонад.

Муаллиф асоснок мекунад, ки ҳаҷми воридоти сармоягузорӣ дар маҷмӯъ аз таъмини рушди устувори иқтисодӣ вобаста аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сармоягузорӣ ба кишварҳои дорои иқтисодашон пешрафта бисёртар ҷалб карда

[7] См.: Азанов Б.К. Международное инвестиционное право в контексте инвестиционных процессов в Евразийском экономическом союзе // Евразийский юридический журнал. 2016. № 3 (94). С. 20-26.

мешавад. Бояд гуфт, ки кишварҳои пешрафта, аз қабили ИМА, Иттиҳоди Аврупо ва Ҷопон аксар вакт дар иқтисоди ҷаҳонӣ ҳамчун сармоягузор ширкат мекунанд.

Кам шудани сармоя дар ҷаҳон монеаи рушди муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ мебошад. Аз ин рӯ, пурзӯр намудани сиёсати иқтисодӣ дар самти ҷалби сармоя яке аз самтҳои муҳими фаъолияти иқтисодии кишвар ба шумор меравад.

Муаллиф дар диссертатсия қайд мекунад, ки сармоягузории хориҷӣ дар тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва раванди ҳамгироии иктисодй нақши калон мебозад. Дохилшавии сармояи хориҷӣ ба мустаҳкам шудани муносибатҳои ба ҳамдигар фоидабахши байни мамлакатҳо ва устувории муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии иттиҳодияҳои ҳамгироӣ мусоидат мекунад. Кишварҳои дорои модели рушди иқтисодӣ маъмулан ҳамчун сармоягузор баромад мекунанд ва кишварҳои рӯ ба тараққӣ ҳамчун гирандаи сармоя маҳсуб мешаванд ва дар ҷараёни гардиши сармоя муносибатҳои мутақобилан судманд ва созандаро шарти зарурии рушди иқтисоди муосири ҷаҳонӣ ба роҳ мемонанд.

Дар диссертатсия муаллиф қайд мекунад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ниҳодҳои байналмилалӣ дар ҳаёти сиёсии ҳар як кишвар мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Созмони Ҳамкории Шанхай ҳамчун лоиҳаи ояндадори ҳамгироӣ метавонад ҳам ба сиёсати давлатҳои иштирокчии он ва ҳам ба вазъи ҷаҳонии низоми муносибатҳои байналмилалӣ таъсири бавосита расонад.

СҲШ дар ҳоли ҳозир ба яке аз созмонҳои бонуфуз ва муҳими минтақавӣ бо иштироки давлатҳои бузурге табдил меёбад, ки дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мақоми хосаеро ишғол мекунанд. Нишондиҳандаҳои асосии иқтидори иқтисодии кишварҳои аъзои СҲШ-ро дар ҷадвали 2 таҳлил мекунем.

**Ҷадвали 2. – Параметрҳои асосии иқтидори захиравии СҲШ дар соли 2022**

| Кишвар | Масоҳат, ҳаз. кв. км | ММД, номиналӣ млрд. долл. соли 2022 | Шумораи аҳолӣ, млн. нафар |
|---|---|---|---|
| Русия | 17125 | 1733,23 | |
| Чин | 9598 | 18 462,21 | |
| Қазоқистон | 2725 | | |
| Қирғизистон | 200 | | |
| Узбекистон | 449 | | |
| Тоҷикистон | 141 | | |
| Ҳиндустон | 3278 | | |
| Покистон | 803,9 | | |
| Эрон | 1648 | | |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси ҳуҷҷатҳои СҲШ.

Тавре ки дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст, кишварҳои узви СҲШ аз рӯи нишондиҳандаҳои асосӣ фарқи ҷиддӣ доранд. Ҳиндистон, Русия ва Чин аксарияти аҳолӣ ва маҷмӯи маҳсулоти дохилии иттиҳодияи ҳамгироиро ташкил медиҳанд. Солҳои охир кишварҳои узви СҲШ суръати баланди афзоиши гардиши молро нишон доданд.

Масоҳати умумии кишварҳои СҲШ беш аз 34 мил. кв. км, яъне 61% қаламрави Авруосиёро ташкил мекунад. Иқтидори умумии демографии он

чоряки аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад ва иқтидори иқтисодии он тавонотарин иқтисоди Чинро пас аз Иёлоти Муттаҳида дар бар мегирад.[8]

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки СҲШ дорои воситаҳои мухталифи рушди тиҷорати мол, фароҳам овардани фазои сармоягузорӣ ва ҳамчунин рафъи монеаҳо дар роҳи рушди ҳамгироии иқтисодӣ ва таъмини амнияти сиёсӣ мебошад. Ҳамгироии иқтисодӣ дар доираи СҲШ ба таъсиси бозори ягона бо ҳаракати озоди молҳо, хизматрасонӣ, сармоягузорӣ, инчунин захираҳои меҳнатии тахассусӣ дар низоми иқтисодии ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

**Дар боби дуюм «Таҳлили ҳамкориҳои сармоягузории кишварҳои узви СҲШ»** самтҳои ҳамкориҳои сармоягузории кишварҳои узви СҲШ мавриди таҳлил қарор гирифта, таҳлили таъсири омилҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ ба раванди ҳамгироии кишварҳои узви СҲШ оварда шудааст. Дар ин боб ҳамчунин нақши Осиёи Марказӣ дар рушди ҳамкориҳои сармоягузории кишварҳои узви СҲШ муайян гардидааст.

Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки ҳамкориҳои сармоягузории кишварҳо дар рушди иқтисодӣ ва таҳкими равобити кишварҳои СҲШ нақши муҳим доранд. Сармоягузориҳо аз як кишвари СҲШ ба кишвари дигар ба рушди инфрасохтор, таъсиси ҷойҳои корӣ ва афзоиши истеҳсолот мусоидат мекунанд. Ин ба рушди иқтисодӣ ва беҳтар шудани некӯаҳволии ҳамаи кишварҳои узви Созмон мусоидат мекунад. Ҳамкории сармоягузорӣ дар фазои СҲШ имкон медиҳад, ки технология, дониш ва таҷриба байни кишварҳо интиқол дода шавад. Ин ба навсозии истеҳсолот, баланд бардоштани сифати мол ва хизматрасонӣ, инчунин такмил додани иқтидори инноватсионӣ мусоидат мекунад.

Муаллиф қайд мекунад, ки СҲШ кишварҳои гуногунро дар бар мегирад, ки афзалиятҳои гуногуни иқтисодӣ доранд. Одатан, сармоягузории хориҷӣ дар доираи СҲШ ба соҳаҳое, аз қабили энергетика, инфрасохтор, технология, кишоварзӣ, бахши молиявӣ ва ғайра нигаронида шудааст. Сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика, бахусус манбаи барқароршаванда метавонад авлавият дошта бошад, зеро кишварҳои СҲШ бо афзоиши истеъмоли энергия рӯбарӯ ҳастанд. Сармоягузориҳо ба сохтмони роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан, бандарҳо, фурудгоҳҳо ва дигар иншооти зерсохторӣ ба рушди иқтисод миёни кишварҳои СҲШ мусоидат мекунанд.

Сармоягузорӣ дар соҳаи технологияҳои баланд, аз қабили технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, биотехнология ва ғайра метавонад омили муҳими рушди инноватсионӣ гардад. Сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва коркарди ғизо низ барои амнияти озуқаворӣ ва рушди бахши молӣ аз ҷумла низоми бонкӣ ва тавсеаи имконоти сармоягузорӣ муҳим мебошад.

[8] См.: Офис-группа ШОС БРИКС. Уфа, 2015. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://ufa2015.ru/.

**Ҷадвали 3. – Самтҳои афзалиятноки сармоягузории хориҷӣ дар кишварҳои СҲШ**

| Кишвар | Самтҳои асосии сармоягузории хориҷӣ |
|---|---|
| Чин | Бахши молиявӣ, истеҳсоли мошинсозӣ, саноат, технология ва ноу-хау, нақлиёт, инфрасохтор ва лоиҳаҳои экологӣ |
| Русия | Саноати нафту газ, савдои яклухт ва чакана, саноат, молия, кишоварзӣ, мошинсозӣ, технология ва ноу-хау |
| Қазоқистон | Саноати нефту газ, истихроҷ ва коркарди маъдан, молия, хоҷагии қишлоқ |
| Қирғизистон | Саноати истеҳсолӣ, бахши молиявӣ, савдо, амволи ғайриманқул, гидроэнергетика |
| Тоҷикистон | Хоҷагии қишлоқ, саноат, истихроҷи металлҳои қиматбаҳо, металлургия, саноати сабук, гидроэнергетика |
| Узбекистон | Нақлиёт, алоқа, саноати сабук, сузишворӣ, машинасозӣ, ноу-хау |
| Ҳиндустон | Корхонаҳои истеҳсолӣ, истеҳсоли дорусозӣ, инфрасохтор, саноати автомобилсозӣ, саноати хизматрасонӣ, саноати кимиё |
| Покистон | Хоҷагии қишлоқ, саноат, саноати бофандагӣ, гидроэнергетика |
| Эрон | Кишоварзӣ, саноат, хизматрасонӣ, саноати нафту газ, технология ва ноу-хау |

**Сарчашма:** Содиков М.С. Развитие инвестиционного сотрудничества РТ со странами ШОС // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 2. – С. 68-76.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки кишварҳои СҲШ дорои захираҳои бузурги табиӣ, молиявӣ, моддӣ ва инсонӣ мебошанд. Илова бар ин, дар фазои созмон барои ҳалли масъалаҳои муҳим, аз қабили рушди маҷмааҳои транзитӣ-энергетикӣ, технологияҳои телекоммуникатсионӣ, тиҷорати электронӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар самти ҷалби сармоя шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Ҳамаи ин имкониятҳо афзалияти нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди фаъолияти сармоягузорӣ мебошанд.[9]

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои СҲШ шарикони рушд буда, дар таҳкими муносибатҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ саҳми бештар доранд. Ҳамчунин, кишварҳои СҲШ, ки бештари онҳо бо Тоҷикистон ҳамсоя ҳастанд, фаъолияти сиёсати хориҷии худро дар чаҳорчӯби барномаҳои СҲШ бар пояи ҳамсоягии нек пеш мебаранд. Чунин иқдом барои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки иқтидори табиию инфрасохторӣ заминаи дуҷониба мегузорад.

Дар диссертатсия ошкор гардидааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ низ яке аз шартҳои муҳими татбиқи ҳадафҳои стратегӣ мебошад. Маҳз дар сохтори воридоти сармоягузорӣ саҳми кишварҳои узви СҲШ, пеш аз ҳама Чин, Русия, Қазоқистон ва Ҳиндустон назаррас мебошад.

---

[9] См.: Содиков М.С. Развитие инвестиционного сотрудничества РТ со странами ШОС // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 2. – С. 68-76.

**Ҷадвали 4. – Маълумот оид ба сармоягузориҳои давлатҳои СҲШ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022**

| | | **Таҳлили қиёсии солҳои 2018-2022** *(ҳаз. доллар)* | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Кишвар* | *Сармоягузории мустақим* | | *Сармоягузории портфелӣ* | | *Дигар намуди сармоягузориҳо* | |
| | *2018* | *2022* | *2018* | *2022* | *2018* | *2022* |
| Хитой | 238844,6 | 429 863,1 | - | - | 91636,5 | 33 121,8 |
| Русия | 242,2 | 41 739,5 | - | 39,2 | 21292,6 | 61 799,1 |
| Қазоқистон | 770,7 | 4 868,3 | - | - | 2508,1 | 398 183,2 |
| Қирғизистон | 33,8 | 1 374,0 | 1,3 | - | 149,2 | 6 761,7 |
| Узбекистон | 231,6 | 31,5 | - | - | 5074,4 | 32 801,1 |
| Ҳиндустон | 11,0 | - | | - | - | 13 854,6 |
| Покистон | - | 114,5 | - | - | - | 994,2 |
| Эрон | 60,0 | 331,3 | - | - | - | 25,7 |
| Ҳамагӣ | 240193,9 | 478322,2 | 1,3 | 39,2 | 116093,8 | 547541,4 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2019-2023 – С. 250, 242.

Аз ҷадвал бармеояд, ки ҷалби сармоягузории хориҷӣ аз кишварҳои СҲШ дар соли 2022 дар умум 1025902,8 доллари ИМА ҷалб гардидааст, ки назар бар соли 2018 ин нишондиҳанда 356289 доллари ИМА зиёдтар мебошад. Саабаи зиёд шудани ин нишондиҳанда аз ҳисоби таҳкими муносибатҳои судманди иқтисодиву тиҷоратӣ ва инчунин сармоягузорӣ бо кишварҳои аъзои СҲШ ба ҳисоб меравад.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар соли 2020 кишварҳои ИДМ ба Тоҷикистон ба маблағи 14332,1 ҳазор доллари ИМА сармояи мустақими хориҷӣ ворид намуда, 1,4 ҳазор доллари амрикоии сармоягузориҳои портфелӣ ва 16505,4 ҳазор доллари дигар сармоя ворид кардаанд.

Аз кишварҳои хориҷӣ дар соли 2020 сармоягузории мустақими хориҷӣ ба кишвар 148 210,6 ҳазор доллари ИМА, сармоягузории портфелӣ 487,9 ҳазор доллар ва дигар сармоягузориҳо 248 916,8 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод.[10]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2021 сармоягузории мустақими хориҷӣ 2 780 485,1 ҳазор долларро ташкил додааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 71 742,1 ҳазор доллар ё 2,6 фоиз зиёд мебошад. Ин тамоюл пеш аз ҳама бо барқароршавии иқтисоди ҷаҳонӣ пас аз пандемия алоқаманд мебошад.

Тадқиқот нишон дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузории хориҷиро барои бахшҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, аз қабили энергетика, нақлиёт, саноат, аз ҷумла истеҳсолот ва рушди комплекси агросаноатӣ истифода мебарад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бидуни ҷалби сармояи хориҷӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиди иқтисодӣ амалӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ вазифаи хеле душвор хоҳад буд.

[10] См.: Таджикистан: 30 лет государственной независимости: статистический сборник Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – С. 390.

Дар баробари амиқтар шудани робитаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ дар заминаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд фазои мусоиди сармоягузорӣ ба вуҷуд омадааст. Барои тавсеаи гардиши савдои хориҷӣ минтақаи савдои озод таъсис дода шудааст, ки ҳадафи он аз байн бурдани монеаҳои тиҷоратӣ ва гумрукӣ, инчунин фароҳам овардани фазои ягона барои ҳаракати озоди мол, хизматрасонӣ, сармоя ва қувваи корӣ дар фазои СҲШ мебошад.

Дар диссертатсия исбот карда мешавад, ки ҳар як иттиҳоди иқтисодии минтақавӣ ҷиҳатҳои мустаҳкам ва сусти худро дорад. СҲШ ҳамчун як созмони минтақавӣ ва байналмилалӣ низ мушкилоте дорад, ки ба таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ дар қаламрави он таъсир мерасонад.

Барои муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи истифодаи сармоягузориҳо дар кишварҳои СҲШ, муаллиф таҳлили SWOT гузаронида, таҳдидҳо ва имкониятҳои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузориро муайян кардааст.

**Ҷадвали 5. – Таҳлили SWOT оид ба истифодаи сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти кишварҳои узви СҲШ**

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| - мавҷудияти захираҳои табиӣ дар кишварҳои СҲШ;<br>-ҷойи ҷуғрофии кишварҳои Осиёи Марказӣ;<br>-захираҳои калони молиявӣ ва зеҳнӣ;<br>-ҳудуди калон ва аҳолии СҲШ;<br>- рушди устувори иқтисоди кишварҳои узви СҲШ. | - қобилияти пардохти пасти аҳолӣ дар баъзе кишварҳои СҲШ;<br>- пешрафти нокифояи илмию техникии баъзе кишварҳои узви СҲШ;<br>- рушди сусти бозори молиявӣ, махсусан дар кишварҳои Осиёи Марказӣ;<br>- номутавозунӣ дар иқтисоди кишварҳои узви СҲШ. |
| **Имконият барои рушд** | **Таҳдидҳо** |
| -мавҷудияти захираҳоиистифоданашуда;<br>- таъсиси асъори ягона дар қаламрави СҲШ ҳамчун омили ҳавасмандкунандаи фаъолияти сармоягузорӣ;<br>- рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ҳамчун воситаи ҷалби сармояи хориҷӣ байни кишварҳои СҲШ;<br>-баланд бардоштани нуфузи ташкилотҳо дар арсаи байналмилалӣ, имкон медиҳад, ки фаъолияти сармоягузорӣ дар қаламрави СҲШ беҳтар шавад;<br>-ривоҷ додани ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва созанда бо дигар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ. | - ҷорӣ намудани таҳримҳо алайҳи аъзои СҲШ дар шароити номуайянӣ дар рушди иқтисоди ҷаҳонӣ;<br>- вобастагии баъзе давлатҳои иштироккунандаи раванди Шанхай аз нархи ашёи хом дар бозори ҷаҳонӣ;<br>-мубориза барои роҳбарӣ байни давлатҳои асосии иштирокчии раванди Шанхай. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси гузаронидани таҳқиқоти назариявӣ.

Чунон ки аз ҷадвали 5 дида мешавад, давлатҳои аъзои СҲШ тамоми имкониятҳоро доранд, ки инкишофи минбаъдаи ҳамкории ба ҳамдигар фоидабахши иқтисодиро таъмин намоянд. Бояд гуфт, ки омилҳои таъсиргузор ба ҷалби сармояи хориҷӣ, ки мо дар боло мавриди баррасӣ қарор додем, ба ҷиҳатҳои

қавӣ ва заъфи таҳлили SWOT оид ба истифодаи сармоягузорӣ дар рушди иқтисоди кишварҳои узви СҲШ мувофиқат мекунанд. Дар ин ҷадвал бо назардошти ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи ҷалби сармояи хориҷӣ имкониятҳои мавҷуда ва хатарҳои кунуниро муайян шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин зикр мегардад, ки Созмони ҳамкориҳои Шанхай ҳамчун бузургтарин созмони минтақавӣ дар Авруосиё дар рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ҳам бо кишварҳои СҲШ ва ҳам бо дигар субъектҳои иқтисоди ҷаҳонӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Осиёи Марказӣ барои СҲШ механизми ҳамкории муассир ва таҳкими равобити байниқтисодӣ бо кишварҳои узви ин созмон, пеш аз ҳама бо Чину Русия, Ҳиндустон ва Покистон мебошад.

Осиёи Марказӣ аз нигоҳи ҳамкориҳои иқтисодӣ дар пайи ҳамкориҳо бо Чин ва Русия, ки дар эҷоди равобити байниқтисодӣ ва фазои мусоиди иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ таҷрибаи ғанӣ доранд. Ҳамкории иқтисодии кишварҳои СҲШ ба афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо ва умуман рушди муносибатҳои байниқтисодӣ мусоидат мекунад. Чунин тартиб додани масъала барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муҳим мебошад.

**Ҷадвали 6.-Иқтидори захираҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ**

| Кишвар | Қаламрав кв. км | Ҷойгир аз руи қаламрав | Зичии одамон дар як кв. км | Аҳолӣ, нафар | Ҷой аз руи аҳолӣ | Захираҳои табиӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Қазоқистон | 2724902 | 9 | 6,3 | 18 520 487 | 63 | Нефт, гази табиӣ, уран, маъданҳои камёби замин ва маъданҳои сузишворӣ ва ғайриметаллӣ. |
| Қирғизистон | 198 500 | 86 | 29 | 6 262 737 | 112 | Тилло, симоб, сурма, металлҳои нодири замин, иқтидорҳои электрикии обӣ. |
| Туркманистон | 451 200 | 53 | 10 | 5 595 722 | 116 | Нафт ва гази табиӣ, сулфур, сурб, мирабилит, йод, бром, оҳаксанг, мергел, доломит, гранит, гаҷ, гили оташ тобовар, реги квартсӣ, шағал. Моҳӣ. |
| Тоҷикистон | 141 000 | 93 | 56,3 | 9 104 808 | 96 | Нуқра, уран, тилло, сангҳои қиматбаҳо, ангиштсанг, маъданҳои алюминий ва полиметаллӣ, пахта. Иқтидори гидроэнергетики. |

*Идомаи ҷадвали 6.*

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Узбекистон | 447 400 | 56 | 75,8 | 32 121 100 | 42 | Тилло, нефть, гази табий, уран, ангишт, мис, металлхои нодир, пахта. |

**Сарчашма:** Содиков, М.С. Экономическая интеграция центральноазиатских стран в рамках интеграционного объединения ШОС / М.С. Содиков, Ф. Фародов // Финансово-экономический вестник. – 2020. – № 1 (21). – С. 47-54.

Ҷадвали 6 нишон медиҳад, ки иқтидори захиравии кишварҳои Осиёи Марказӣ хеле зиёд аст. Кишварҳои Осиёи Марказӣ дорои захираҳои бойи табиӣ буда, қисми зиёди захираҳои карбогидридҳо дар Осиёи Марказӣ мутамарказ шудаанд.

Илова бар ин, ҷойгиршавии ҷуғрофии минтақа дар маркази қаламрави Авруосиё барои нигоҳ доштани суботи иқтисодӣ ва сиёсии минтақа мусоидат мекунад. Қобили зикр аст, ки дар баробари омилҳои дар боло зикршуда барои рушди ҳамкориҳои сармоягузорӣ дар чаҳорчӯби равандҳои ҳамгироӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ низ метавонанд аз имконоти худ тавассути имконоти васеи транзитӣ истифода баранд.

Аз ин рӯ, барои СҲШ кишварҳои Осиёи Марказӣ пеш аз ҳама содиркунандагони газ, металл, ангишт, нафт, инчунин гидроэнергетика ва маҳсулоти кишоварзӣ маҳсуб мешаванд. Энергетика ва маҳсулоти кишоварзӣ метавонад ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозорҳои берунии иқтисоди ҷаҳонӣ ба моли рақобатпазиртарин табдил ёбанд.

Таҳқиқот собит мекунад, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун як минтақаи рушдёбанда дар ҷалби сармояи хориҷӣ накши муҳим доранд. Ҳамгироии минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити муосир бинобар мавҷудияти захираҳои азими табиӣ гарави амнияти энергетикӣ ва иқтисодии минтақа мегардад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ бо фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ метавонанд дар рушди устувори иқтисодии СҲШ, беҳбуди сифати зиндагии аҳолии кишварҳои узви ин созмон ва табдил додани СҲШ ба яке аз бузургтарин кишварҳои иқтисодии ҷаҳони марказҳои сиёсии асри XXI саҳми бузург гузоранд.

Боби сеюм, ки ба масъалаҳои «Такмили ҳамкориҳои сармоягузорӣ дар заминаи равандҳои ҳамгироии кишварҳои СҲШ» бахшида шудааст, самтҳои афзалиятноки рушди равандҳои ҳамгироӣ дар доираи СҲШ муайян карда шудааст. Дар ин боб ҳамчунин масъалаҳои такмили ҳамкориҳои сармоягузорӣ дар заминаи рушди равандҳои ҳамгироии давлатҳои аъзои созмонҳо фаро гирифта шудаанд.

Дар рисола қайд карда мешавад, ки татбиқи барномаҳои иқтисодӣ дар доираи СҲШ дарояндаи наздик метавонад имкониятҳои иловагӣ ва шароити мусоидро барои фароҳам овардани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, инчунин муҳити мусоиди иқтисодӣ ҳамчун шарти зарурии ташаккули фазои озод ва озоди ҳаракати молҳо, хизматрасониҳо ва технологияҳо дар ҳудуди Созмон мусоидат кунад.

Барои ба даст овардани манфиатҳои иловагӣ аз рушди равандҳои ҳамгироӣ ва пешгирии таҳдидҳои муосир бояд тамоми блокҳои сиёсати ҳамгироии

иқтисодӣ таҳия карда шаванд. Дар ин ҷо сухан дар бораи ба роҳ мондани муносибатҳои системавӣ, истифода бурдани усулҳои интенсивию экстенсивии тараққиёт, инчунин ба амал баровардани самарабахши сиёсати ҳамгироии иктисодӣ меравад.

**Ҷадвали 7. – Такмили фаъолияти СҲШ тавассути татбиқи блокҳои иқтисодӣ**

| Блокхои сиёсати ҳамгироии иқтисодӣ | Тадбирхои такмили фаъолияти СҲШ бо роҳи татбиқи блокҳои иктисодй |
|---|---|
| **Институтсионалӣ** | Муҳимтарин санад Стратегияи рушди СҲШ то соли 2025 маҳсуб мешавад, ки самтҳои асосии рушди ҳамкориҳоро дар солҳои оянда муайян кардааст. Блоки институтсионалии сиёсати иқтисодии давлатӣ асос ва омили ҳавасмандгардонии рушди ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва татбиқи бомуваффақияти блокҳои дигари сиёсати ҳамгироии иқтисодӣ мегардад. |
| **Тарифи гумрукӣ** | Блоки гумрукию тарифии сиёсати ҳамгироии иқтисодӣ татбиқи сиёсати ягонаи гумрукиро дар фазои СҲШ пешбинӣ менамояд. |
| **Сохторӣ ва сармоягузорӣ** | Блоки сармоягузорию сохтории сиёсати ҳамгироии иқтисодӣ фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ фароҳам оварда, барои ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ дар фазои созмон дар доираи барномаҳои СҲШ шароит фароҳам меорад. Илова бар ин, блоки сохторию сармоягузории сиёсати ҳамгироии иқтисодӣ барои ҷорӣ намудани муштараки технологияи муосир, ки ба рушди бахшҳои баландтехнологии иқтисодиёт мусоидат мекунад, шароит фароҳам меорад. |
| **Молиявӣ** | Блоки молиявии сиёсати ҳамгироии давлат ба истифодаи самараноки захираҳои молиявию сармоягузорӣ ва таъмини худтаъминкунии молиявии иштирокчиёни Ассотсиатсияи Шанхай нигаронида шудааст. Ассотсиатсияи байнибонкии СҲШ бо истифодаи самараноки захираҳои молиявии иштирокчиёни раванди Шанхай ва ҷалби сармояи кишварҳои узви СҲШ барои баланд бардоштани имкониятҳои молиявӣ метавонад сарчашмаи иловагӣ ва омили ҳавасмандкунандаи рушди минбаъдаи созмон гардад. |
| **Иҷтимоӣ** | Сиёсати иҷтимоӣ ба таъмини рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии кишварҳои узви СҲШ нигаронида шудааст. Барои такмили фаъолияти СҲШ блоки сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба рушди равандҳои ҳамгироӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишварҳои узви СҲШ таъсири назаррас мерасонад. |
| **Коммуникатсионӣ** | Дар шароити рушди илму техника, бе коммуникатсия ва инфрасохтори пешрафта такмили фаъолияти СҲШ амалан ғайриимкон мегардад. Аз ин рӯ, ин блоки ҳамгироии иқтисодӣ дар чунин шароит ҳамчун омили ҳавасмандкунандаи рушди ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ аҳамияти муҳими ҳамгироӣ ва амалӣ пайдо мекунад. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф аз руи маводҳои: Платонова Е.Д. Совершенствование государственной экономической политики развития интеграционных объединений стран с развивающимися рынками // Экономические науки. – 2016. – № 145. – С. 52.

Дар диссертатсия исбот гардидааст, ки барои бештари ҳамкорӣ ва инкишоф додани робитаҳои иқтисодӣ мамлакатҳои СҲШ бояд ба ҳамон соҳаҳои иқтисодиёт, ки бештар фоида ва муваффақиятхои иқтисодӣ меоваранд, тамаркуз кунанд. Имрӯз аллакай маълум мешавад, ки самти афзалиятноки таъмини некӯаҳволии иқтисодии тамоми кишварҳои узви СҲШ рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ мебошад.

Тадқиқоти диссертатсия нишон дод, ки барои ба даст овардани натиҷаи муассир дар фазои СҲШ бояд механизми мусоидат ба ҳамкории муштараки иқтисодӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ таъсис дода шавад. Стратегияи ҷалби сармояи хориҷӣ, тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, тавассути ҳамкориҳои созанда ва судманди тиҷоративу иқтисодӣ амалӣ карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки самаранокии ҳамкориҳои байналмилалии сармоягузорӣ бо як қатор омилҳо таъмин карда мешавад, ки дар байни онҳо ҳамкории байнидавлатӣ ва эҳтироми манфиатҳои миллии ҳар яке аз ҷонибҳои блоки ҳамгироӣ бояд таъкид карда шавад. Дар танзими сармояи соҳибкорӣ дар иқтисодиёти кишварҳои алоҳида ҳамкории байни давлат ва соҳибкорӣ низ нақши муҳим дорад. Ҳамкорӣ дар системаи рушди раванди ҳамгироӣ ва танзими ҷараёнҳои сармоягузорӣ ҳам барои давлат ва ҳам барои соҳибкорӣ судманд мебошад.[11]

Такмили ҳамкориҳои сармоягузорӣ дар доираи СҲШ ба ширкаткунандагон имкон медиҳад, ки шароити мусоидтар барои сармоягузорӣ, мусоидат ба рушди иқтисодӣ, рушди инфрасохтор ва таҳкими равобити мутақобилан судманди кишварҳои узв фароҳам оваранд. Қобили зикр аст, ки барои СҲШ Осиёи Марказӣ, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон як минтақаи муҳими дорои захираҳои ғании табиӣ маҳсуб мешавад, ки ба рушду тавсеаи минбаъдаи созмон дарояндаи наздик мусоидат хоҳад кард.

Барои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ва пешбурди манфиатҳои дигар кишварҳои СҲШ, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонанд бо татбиқи имконоти нақлиётӣ ва энергетикӣ дар доираи созмон дар минтақа мавқеи худро мустаҳкам намоянд. Кишварҳои СҲШ, ки дорои захираҳои бузурги табиӣ ва молиявӣ мебошанд, метавонанд қаламрави худро ба яке аз минтақаҳои мусоид барои ҷалби сармояи хориҷӣ табдил диҳанд.

## ХУЛОСА

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:

Дар натиҷаи таҳқиқот хулосаҳои зерин бароварда шуданд.

1. Ташаккул ва рушди равандҳои ҳамгироии байналмилалӣ дар марҳалаи ҳозира тамоюли асосии рушди равандҳои геоиқтисодӣ ва геосиёсии муосири ҷаҳонӣ гардида истодааст. Тараққиёти пай дар паи хоҷагии халқ аз бисёр ҷиҳат ба ҳамгироии бомуваффақият ба иқтисодиёти чахонй вобаста буда, барои самарабахштар пеш бурдани истеҳсолот заминаҳои зарурӣ ба вучуд меоварад[1-М].

2. Фаъолияти сармоягузорӣ имруз дар тараққиёти иқтисодиёти миллӣ ва мустаҳкам намудани ҳамкории ба ҳамдигар фоидабахши мамлакатҳои гуногун умуман нақши калон мебозад. Дар раванди рушди созмони байналмилалии минтақавӣ ва зуҳури ҷаҳонишавӣ ҷалби сармояи хориҷӣ яке аз омилҳои рушди ҳамкориҳои созандаи байни иттиҳодияҳои ҳамгироӣ гардид. Имрӯз пешравии сиёсати муосири ҷаҳонӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ бо суръати нисбатан

[11] См.: Пасько С.Н. Развитие инвестиционных процессов в условиях международной экономической интеграции стран ЕАЭС: дис. … канд. экон. наук. – Краснодар, 2014. – С. 103.

баланд аз ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва қарздиҳии имтиёзнок ба бахши воқеии иқтисодиёт вобаста аст, ки имкон медиҳад ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ дар минтақа инкишоф ёбад [3-М].

3. Созмони Ҳамкории Шанхай ҳамчун лоиҳаи ҳамгироии ояндадор ба вазъи ҷаҳонии низоми муносибатҳои байналмилалӣ таъсири мустақим мерасонад. СҲШ дорои иқтидори бузурги иқтисодии дар маҷмӯъ истифоданашуда мебошад, ки дар оянда метавонад ба рушди иқтисоди ҷаҳонӣ таъсири назаррас расонад. СҲШ барои рушди савдои мол, фароҳам овардани фазои сармоягузорӣ ва аз байн бурдани монеаҳо дар роҳи рушди ҳамгироии иқтисодӣ тамоми шароити заруриро дорад. Бозори афзояндаи минтақавӣ, захираҳои бузурги маъданҳои фоиданок, мукаммалсозии иқтисодии кишварҳои СҲШ, иқтидори назарраси илмию техникӣ ва мавҷудияти хатсайрҳои нақлиётӣ барои тавсеаи ҳамкориҳои сармоягузорӣ ва иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам меорад [5-М, 4-М].

4. Ҷалби сармояи хориҷӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар фазои Созмон яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкории кишварҳои узви СҲШ мебошад. Ба шарофати густариши ҳамкориҳо дар чаҳорчӯби барномаҳои СҲШ кишварҳои ин созмон на танҳо дар давраи бӯҳрон ба зудӣ барқарор шуданд, балки рушди устувори иқтисодӣ низ нишон доданд. Ҷалби сармоя, ки дар амиқсозии равандҳои ҳамгироӣ нақши калидӣ бозида, ба рушди маҷмааҳои транзитӣ-энергетикӣ, технологияҳои телекоммуникатсионӣ, тиҷорати электронӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои созанда миёни кишварҳои узви СҲШ мусоидат кард. Рушди устувори иқтисодӣ ва афзоиши суръати воқеии ММД-и СҲШ, ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо дигар созмонҳои байналмилалӣ, мавҷудияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, иқтидори транзитӣ ва энергетикӣ омилҳои калидии рушди ҳамкориҳои иқтисодии байни давлатҳо гардиданд [7-М].

5. Осиёи Марказӣ имрӯз дар раванди ҳамгироии ҷаҳонӣ фаъолона иштирок намуда, дар рушди ҳамкориҳо дар соҳаи сармоягузорӣ нақши муҳим дорад. Самти афзалиятноки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи фаъолияти СҲШ ҳамкориҳои бисёрҷонибаи мутақобилан судманд ҳамчун омили ҳамгироии муваффақ ба иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи рушди ҳамгироии ҳамаҷониба ва муваффақ ба иқтисоди ҷаҳонӣ аз мавҷудияти захираҳои калон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва истифодаи самараноки онҳо шаҳодат медиҳад. Ҳамкории сармоягузорӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бидуни рушди Созмони Шанхай ҳамчун формати ҳамкории иқтисодӣ ва сармоягузории байни давлатҳо як раванди мураккаб ба назар мерасад. Мавҷудияти захираҳои ғании табиӣ, бозори истифоданашудаи дохилӣ, имконоти инфрасохтор, логистика ва транзитӣ муҳимтарин омилҳои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва кафолати амнияти энергетикӣ ва иқтисодӣ дар минтақа маҳсуб меёбанд [6-М].

6. Аз замони таъсиси СҲШ беш аз ҳазор созишнома қабул шуд, ки барои ҳамкориҳои муассир ва созанда заминаи ҳуқуқӣ ва шароити техникию иқтисодӣ фароҳам овардаанд. Барномаҳои СҲШ тамоми самтҳои фаъолияти иқтисодиро

дар бар гирифта, ба рушди босуръат ва ҳалли масъалаҳои мубрами байналмилалии минтақавӣ мусоидат карданд. Имрӯз нуфузи СҲШ ҳамчун бузургтарин созмони минтақавӣ дар Авруосиё афзуда, ба як созмони муҳими минтақавии байналмилалӣ табдил ёфта истодааст, ки дар доираи он муҳимтарин масъалаҳои мушкилоти муосир тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳал карда мешаванд. Барои мамлакатҳои иштироккунандаи раванди Шанхай имко-ниятҳои нав аз ҷумла, афзудани воридоти сармояи хориҷӣ ва истифодаи доираи васеи имкониятҳо кушода мешаванд [3-М].

**Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳо:**

1. Исбот шудааст, ки рушди прогрессивӣ бештар ба ҳамкории самарабахш дар чаҳорчӯби равандҳои интегратсионӣ, ки барои шукуфоии муштарак дар ҳудуди як минтақаи муайян заминаҳои заруриро фароҳам меорад, вобаста аст. Тадқиқотҳои илмии иттиҳодияҳои ҳамгироӣ нишон медиҳанд, ки ҳамгироӣ бо истифода аз усулҳои илмии идоракунӣ ба рушди мутаносиби ассотсиатсияҳо ва баланд бардоштани сатҳи устуворӣ ва рақобатпазирии онҳо мусоидат мекунад. Муқаррароти консептуалии назарияи ташкили минтақавӣ ангезаҳои ҳамгироиро дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ ҳамчун хоҳиши ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ аз ҳамкории муштарак шарҳ медиҳанд. Аз ин лиҳоз, таҳияи ҳамаҷонибаи асосҳои назариявӣ ва консептуалии созмони байналмилалии минтақавӣ, ки дарки илмии дурнамо ва мушкилоти сиёсати ҳамгироии иқтисодӣ дар минтақа ба мо имкон медиҳад зарур меояд.

2. Муқаррар шудааст, ки дар баробари рушди муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ҷалби сармоягузории хориҷӣ яке аз омилҳои рушди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ гардид. Ташаккули равандҳои ҳамгироӣ ва ташкили фазои ягонаи иқтисодӣ аксар вақт тавассути ҷалби сармояи хориҷӣ ва татбиқи муштараки лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ ба даст меояд. Аз ин рӯ, фаъолгардонии сиёсати иқтисодӣ дар самти ҷалби сармоя барои кишварҳои СҲШ бояд яке аз самтҳои муҳими фаъолияти иқтисодии иштирокчиёни раванди Шанхай гардад. Барои татбиқи ин самт зарур аст, ки заминаи ҳуқуқӣ ва иқтисодии рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар фазои созмони мавриди назар такмил дода шавад.

3. Барои таъмини рушди босуръати Созмон тавсия дода мешавад, ки лоиҳаҳои муштараки коммуникатсионӣ амалӣ карда шуда, корҳо оид ба ташкил ва истифодаи долонҳои нақлиётӣ пурзӯр, марказҳои логистикӣ таъсис дода шаванд ва инчунин монеаҳо дар роҳи рушди ҳамгироии иқтисодӣ бо роҳи ташкили бозори ягона бо ҳаракати озоди мол, хизматрасонӣ ва сармоягузорӣ ва ғайра бартараф карда шаванд.

4. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷалби сармояи хориҷӣ шарти зарурии рушди минбаъдаи равандҳои ҳамгироӣ дар доираи СҲШ мебошад. Кишварҳои узви СҲШ барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ аз воридоти сармоягузориҳо бештар истифода кардаанд. Ҳаҷми сармоягузорӣ дар минтақаҳои гуногун динамикаи гуногунро нишон дода, воридшавии сармоягузориҳо дар он кишварҳое мушоҳида шудааст, ки рушди иқтисодӣ ба назар мерасад. Барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ рушди устувори иқтисодиро дар фазои СҲШ таъмин кардан зарур аст. Дар сохтори воридоти сармояи хориҷӣ аз

аъзои Созмон бештари сармояҳо ба кишварҳои бузурги узви раванди Шанхай рост меояд. Барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчунин диверсификатсияи сохтори сармоягузорӣ ва истифодаи захираҳои молиявии давлатҳои дигар барои рушди бозори дохилӣ ва захираҳои табиии истифоданашудаи минтақа зарур меояд.

5. Муайян карда шуд, ки кишварҳои иттиҳодия дар солҳои охир ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, фаъолияти иқтисодии беруниро босуръат инкишоф медиҳанд. Барои рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ имрӯз СҲШ ба дигаргуниҳои ҷиддии иқтисодӣ омода аст ва барои ин ҳама захираҳои заруриро дорад, ки дар ҷаҳон алтернатива надоранд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки СҲШ инчунин тамоми имкониятҳоро дорад, то рушди минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди сармоягузориро ҳамчун омили рушди босуръати равандҳои ҳамгироӣ таъмин намояд.

6. Осиёи Марказӣ барои СҲШ механизми ҳамкории муассир ва таҳкими робитаҳои байниқтисодиро ҳам бо кишварҳои узви ин созмон ва ҳам бо дигар субъектҳои иқтисоди байналмилалӣ муаррифӣ мекунад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон, бояд ҳамчун шарти зарурии ҷалби сармоя ва ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ дар равандҳои ҳамгироӣ фаъолона ширкат кунанд. Осиёи Марказӣ имрӯз бо захираҳои ғании табиӣ ва мавқеъи мусоиди ҷуғрофӣ таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ҳам аз нигоҳи рушди захираҳои дохилӣ ва ҳам аз нигоҳи имконоти транзитӣ ва энергетикӣ ҷалб мекунад. Иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ дар сатҳҳои гуногуни рушд қарор доранд, ки ба густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ монеъ мешавад. Зарур аст, ки бо роҳи ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ муносибатҳои истеҳсоливу муомилоти молро бо истифода аз тамоми имконияту захираҳои мавҷуда инкишоф диҳем.

7. Татбиқи барномаҳои стратегӣ дар доираи СҲШ дар оянда наздик метавонад барои фароҳам овардани фазои сармоягузорӣ имкониятҳои иловагӣ ва шароити мусоид фароҳам оварад. Барои ба даст овардани фоидаи иловагӣ аз инкишофи равандҳои ҳамгироӣ ҳамаи блокхои сиёсати ҳамгироии иктисодиро кор карда баромадан лозим меояд. Усулҳои интенсивӣ ва экстенсивии тараққиёт, инчунин ба амал баровардани самараи сиёсати ҳамгироии иқтисодиро истифода бурдан лозим аст.

8. Дар баробари инкишофи савдои мол шаклҳои дигари муносибатҳо, аз қабили хизматрасониҳои молиявӣ, суғурта, алоқа, сармоягузорӣ, хизматрасонии идоракунӣ, консалтинг ва маркетинг инкишоф додан зарур меояд. Инчунин, рушди нерӯи илмию техникӣ, амалӣ намудани коркардҳои илмӣ дар соҳаи рушди технологӣ, такмил додани коркардҳои инноватсионӣ, амалӣ намудани коркардҳои илмӣ дар соҳаи тадқиқоти амалӣ ва ғайра зарур мебошад.

9. Барои фаъолгардонии сармоягузорӣ ва бомуваффақият ворид шудан ба иқтисоди ҷаҳонӣ на танҳо дар доираи СҲШ, балки бо дигар субъектҳои иқтисоди ҷаҳонӣ ҳамкории бисёрҷониба ба роҳ мондан зарур аст. Такмили ҳамкориҳои сармоягузорӣ дар заминаи рушди равандҳои ҳамгироии кишварҳои СҲШ бояд як самти муҳими рушди ҳамкорӣ дар давраи миёнамӯҳлат ва дарозмуддат ба

шумор равад. Барои ба амал баровардани ин гуна тадбирҳо механизмеро кор карда баромадан лозим аст, ки қобилияти таъмини рушди иктисодиёт ва баланд бардоштани самаранокии сармоя дар фазои СҲШ, пеш аз ҳама бо роҳи муттаҳид намудани мамлакатҳои истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда ва рушди соҳаҳои доништалаб, ташкили минтақаи махсуси савдои озод, беҳтар намудани шароити соҳибкорӣ, ҷорӣ намудани инноватсияю технологияи нав дар истехсолот ва ғайра таъмин намояд.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Дар нашрияҳои тақризшаванда:

[1-А] Данаева М.Х. Перспективы развития ШОС в условиях экономической интеграции. [Текст] /М.С. Содиков, М. Данаева, // Вестник Таджикского национального уневирситета, № 2/9, 2017. -С.31-34. ISSN 2413-5151.

[2-А] Данаева М.Х. Шанхайская организация сотрудничества в системе международных экономических отношений. [Текст], М. Данаева, // Вестник Таджикского Национального Университета. № 3(15), 2018. – С.51-56. ISSN 2413-5151.

[3-А] Данаева, М. Х. ШОС в системе международных экономических отношений / М. Х. Данаева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 6. – С. 127-130. ISSN: 2413-5151.

[4-А] Данаева М.Х. Современные тенденции и перспективы развития интеграционных связей стран ШОС. [Текст] /М.С.Содиков, М. Данаева, //Финансово-экономический вестник. № 3, (19) 2019.- С.137-145. ISSN2663-0389 . (0,43 п.л.).

[5-А] Данаева М.Х., Тенденция развития ШОС в системе международных отношений [Текст] / М.Х. Данаева., С.Б. Шарипов, // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и социальных наук. №8 2020 года, с 72-78. 188№ 2413- 5151.

[6-А] Данаева М.Х., ШОС как новый фактор развития экономической интеграции в мировой экономики [Текст] / М. Данаева, // Актуальные вопросы современной экономики. 2021. № 2. С. 238-242. ISSN: 2311-4320

[7-А] Данаева М.Х., Инвестиции как фактор развития международных экономических отношений [Текст] / М. Данаева, // Вестник Таджикского Национального Университета. № 8, 2022, с. 53-59. ISSN: 2413-5151.

### дар дигар нашрияҳо:

[8-А] Данаева М.Х. Влияние инвестиционного сотрудничества на процесс интеграции стран ШОС / М. Данаева, // «Развитие инновационного управления и его роль в реализации стратегических целей страны» посвящение 30-летию 16-й сессии Верховного совета Республики Таджикистан. Душанбе, 2022 г. С. 322-327

[9-А] Данаева М.Х. Инвестиционное сотрудничества стран центральной Азии в рамках программ ШОС. / М. Данаева, // Международная научно-практическая конференция: Реализация политики содействия экспорту и импортозамещению Республики Таджикистан в условиях глобализации. 23.12.2023. г. Душанбе. С. 73-85.

## АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Данаева Мавлуда Холматовна дар мавзуи «Ҳамкории сармоягузорӣ дар доираи ҳамгироии иқтисодии кишварҳои СҲШ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D051300-Иқтисодиёти ҷаҳонӣ**

**Вожаҳои калидӣ:** СҲШ, Осиёи марказӣ, сармоягузории хориҷӣ, муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ, ташкилоти минтақавӣ, муносибатҳои молиявӣ, ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ҳамгироии иқтисодӣ, ташкилотҳои молиявию қарзӣ, иқлими мусоиди сармоягузорӣ ва равандҳои ҳамгироӣ.

Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодиёти байналмилалӣ ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ ҳамчун механизми муҳими рушди ҳамгироии иқтисодӣ ба шумор меравад. Ҷалби сармояи хориҷӣ, ки самти афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ маҳсуб меёбад, дар таҳкими равандҳои ҳамгиро ии иқтисодӣ нақши калидиро иҷро мекунад.

Мақсади таҳқиқоти диссертсионӣ асосноккунии илмиву коркарди тавсияҳои амалӣ барои беҳтар намудани ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ дар доираи фаъолияти СҲШ ба шумор меравад. Барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда усулҳои умумии илмӣ, оморӣ-иқтисодӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили системавӣ, таҳлилию қиёсӣ ва усули сохтани ҷадвалҳои таҳлилӣ ва ғайраро истифода шуда буданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳад, ки ташаккули равандҳои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, ҳамчун ҷузъи муҳимтарини низоми муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ, дар рушди равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ заминаи устувор мегузорад. Ҳолати муосири низоми муносибатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шароитҳо ва омилҳое, ки ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар дар заминаи ҳамкориҳо бо кишварони СҲШ таъсир мерасонанд ба мақсад мувофиқ мебошанд. Ошкор намудани хусусиятҳои ташаккули СҲШ ва дар заминаи он таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ дар фаъолияти хоҷагидории кишвар заминаи васеъи илмиву таҷрибавӣ мегузорад.

Тавсияҳо оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ дар заминаи такмили равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва инчунин роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти СҲШ дар шароити рушди муосир барои рушди таҳкими ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, ташаккули муассисаҳои ташкилотҳои муштарак, рушди минбаъдаи фаъолияти иқтисодии кишвар мусоидат мекунад.

## АННОТАЦИЯ

**на автореферат диссертации Данаевой Мавлуды Холматовны на тему «Инвестиционное сотрудничество в рамках экономической интеграции стран ШОС» на соискание ученой степени доктора философии (PhD), доктора по специальности 6D051300-Мировая экономика**

**Ключевые слова:** ШОС, Центральная Азия, иностранные инвестиции, международные экономические отношения, региональная организация, финансовые отношения, взаимовыгодное экономическое сотрудничество, внешнеэкономическая деятельность, экономическая интеграция, финансово-кредитные организации, благоприятный инвестиционный климат и интеграционные процессы.

В контексте развития международных экономических отношений взаимовыгодное экономическое сотрудничество рассматривается как важный механизм развития экономической интеграции. Привлечение иностранного капитала, считающееся приоритетным направлением экономической политики, играет ключевую роль в усилении процессов экономической интеграции.

Цель диссертационного исследования – научное обоснование и разработка практических рекомендаций по совершенствованию торгово-экономического сотрудничества и инвестиций в рамках ШОС. Для решения задач использовались общенаучные, статистические и экономические методы, анализ и синтез, сравнительный анализ, систематический анализ, аналитико-сравнительный анализ и метод создания аналитических таблиц и др.

Результаты исследования позволяют развитию инвестиционных процессов в республике, как важнейшей части системы международных экономических отношений, заложить прочную основу для развития экономических интеграционных процессов. Современное состояние системы экономических отношений Республики Таджикистан, условия и факторы, влияющие на привлечение иностранных инвестиций в контексте сотрудничества со странами ШОС, соответствуют поставленных задач. Выявление особенностей становления ШОС и создание на ее основе благоприятного климата для инвестиций в экономическую деятельность страны закладывает широкую научную и практическую основу.

Рекомендации по привлечению иностранного капитала на основе совершенствования процессов экономической интеграции, а также пути повышения эффективности деятельности ШОС в условиях современного развития способствуют развитию укрепления взаимовыгодного экономического сотрудничества, обеспечению устойчивого экономического развития, формированию учреждений совместных организаций и дальнейшее развитие экономической деятельности страны.

## ANNOTATION

**for the abstract of the dissertation of Danaeva Mavluda Kholmatovna on the topic "Investment cooperation within the framework of the economic integration of the SCO countries" for the degree of Doctor of Philosophy (PhD), Doctor of specialty 6D051300-World Economy**

**Keywords:** SCO, Central Asia, foreign investments, international economic relations, regional organization, financial relations, mutually beneficial economic cooperation, foreign economic activity, economic integration, financial and credit organizations, favorable investment climate and integration processes.

In the context of the development of international economic relations, mutually beneficial economic cooperation is considered as an important mechanism for the development of economic integration. Attracting foreign capital, which is considered a priority area of economic policy, plays a key role in strengthening the processes of economic integration.

The purpose of the dissertation research is to provide scientific justification and develop practical recommendations for improving trade and economic cooperation and investments within the SCO. To solve the problems, general scientific, statistical and economic methods, analysis and synthesis, comparative analysis, systematic analysis, analytical and comparative analysis and the method of creating analytical tables, etc. were used.

The results of the study allow the development of investment processes in the republic, as an important part of the system of international economic relations, to lay a solid foundation for the development of economic integration processes. The current state of the system of economic relations of the Republic of Tajikistan, the conditions and factors influencing the attraction of foreign investment in the context of cooperation with the SCO countries correspond to the tasks set. The identification of the peculiarities of the SCO's formation and the creation on its basis of a favorable climate for investment in the economic activity of the country lays a broad scientific and practical basis.

Recommendations on attracting foreign capital based on improving the processes of economic integration, as well as ways to increase the effectiveness of the SCO's activities in the context of modern development contribute to the strengthening of mutually beneficial economic cooperation, ensuring sustainable economic development, the formation of institutions of joint organizations and the further development of the country's economic activities.